Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ (734042, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10, www.ttu.tj)

# ТАҚРИЗИ

***муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ҳомидова Машҳура Исматҷоновна дар мавзӯи: «Механизми ташкилӣ-иқтисодии ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисос 08.00.04-Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01-Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод шудааст.***

**Муҳимияти мавзӯи тадқиқоти диссертатсионӣ.** Инфрасохтори энергетикии минтақа, ки тамоми соҳаҳои ҳаётро таъмин менамояд, самти рушди устувори иқтисодиёти онро муайян намуда, ҳамзамон вазифаҳои муҳими иҷтимоии қонеъ гардонидани талаботи табиии аҳолӣ ба нерӯи баркро иҷро мекунад. Сарфи назар аз шумораи зиёди тадқиқотҳое, ки аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ, созмонҳои байналмилалӣ гузаронида шудаанд, паҳлӯҳои алоҳидаи проблемаи рушди устувори энергетикии минтақаҳо, нопурра боқӣ монда, аҳамияти худро нигоҳ медоранд.

Диссертатсияи Ҳомидова Машҳура Исматҷоновна дар мавзӯи: «Механизми ташкилию иқтисодии ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ дар заминаи рушди устувори иқтисодиёт (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумхурии Тоҷикистон)” натиҷаи ҷустуҷуи илмии халли проблемаи тараккиёти устувори иқтисодиёти яке аз минтакахои тараккикардаи давлат дар асоси баланд бардоштани самаранокии инфрасохтори электроэнергетикӣ мебошад.

Дар шароити муосири афзояндаи осебпазирии инфрасохтори электроэнергетикӣ ба тағирёбии иқлим, афзоиши талабот ба захираҳои энергетикии табиӣ ва шиддатнокии назарраси сармояи равандҳои рушди онҳо, таҳкими манфиатҳои сиёсии бозингарони бозорҳои ҷаҳонӣ ва минтақавии энергетикӣ, тадқиқоти диссертатсионӣ муҳим ва сари вақт аст. Натиҷахои ӯ хам ахамияти назариявӣ ва хам ахамияти амалӣ доранд ва умуман сазовори диққату дастгирӣ мебошанд.

**Мақсади тадқиқоти диссертатсионӣ.** Ҳадафи гузоштаи тадқиқоти диссертатсионӣ асосҳои назариявии механизми ташкилию иқтисодӣ ва таҳияи тавсияҳои амалии баланд бардоштани самаранокии инфрасохтори электроэнергетикӣ барои рушди устувори иқтисодӣ таъмин менамояд.

**Сохтор ва мундариҷаи тадқиқоти диссертатсия.** Умуман, диссертатсияи такризшаванда сохтори пайгирона дошта, ба мантики аз тарафи умум эътирофшудаи тадқиқоти илмӣ тобеъ аст. Рисола аз муқаддима, се боб, аз ҷумла ҳашт параграф, хулоса, тавсияҳои амалӣ, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзӯи таҳқиқшаванда асоснок гардида, мавзӯъ ва вазифаҳои тадқиқот, объекти таҳқиқот инъикоси худро ёфта, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия нишон дода шудааст.

**Дар боби якум «Асосҳои назариявии ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии инфрасохтори электроэнергетикӣ дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ»** муаллиф ҷанбаҳои назариявии инфрасохтори электроэнергетикӣ баррасӣ намуда, равишҳои мавҷударо оид ба омӯзиши механизми ташкилию иқтисодии фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ ва арзёбии самаранокии иқтисодии онро ба низом даровардааст.

Дар саҳифаҳои 29 ва 58 аз тарафи муаллиф таърифи зерини инфрасохтори электроэнергетикӣ пешниҳод шудааст: *маҷмӯи сохторҳои хидматрасонии ба ҳам алоқаманд ё иншооти электроэнергетикӣ, ки эҳтиёҷоти истеъмолкунандагонро бо нерӯи барқ қонеъ менамояд ва асоси фаъолияти системаи иқтисодиётро муайян мекунад. Инфрасохтори электроэнергетикӣ ҳамчун маҷмӯи шабакаҳои барқии ҳудудӣ як давлат ба ҳисоб меравад.* Дар баробари ин, муаллиф кайд мекунад, ки фарки он аз таърифҳои мавҷуда дар он аст, ки «.... хангоми баррасии масъалахои самаранокии инфрасохтори электроэнергетикӣ диққати асосӣ на ба характери истеҳсол ва истеъмоли кувваи барқ дода мешавад, балки ба самараи иқтисодиёт бо рохи бо микдори зарурии ресурсхои барқ таъмин намудани он», ки ба назари мо асоснок-тарро талаб мекунад. Муаллиф дар саҳифаи 35 (расми 1.2.1) ва саҳифаи 40 (расми 1.2.2) схемаҳои алоҳидаи блок-схемаи механизмҳои ташкилию иќтисодии инфрасохтори барќро пешниҳод менамояд. Мутаассифона, мазмуни расми. 1.2.1 ба истинод ба он дар саҳ. 33 мувофиқат намекунад. Муносибати методие, ки муаллиф барои баҳодиҳии самаранокии иқтисодии инфрасохтори электроэнергетикӣ пешниҳод кардааст, қобили таваҷҷӯҳ аст.

**Боби дуввум «Таҳлили механизми ташкилӣ-иқтисодии инфрасохтори электроэнергетикии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон»** номгузорӣ гардида, ҳолати муосир, хусусиятҳо ва муаммоҳои рушди иқтисодии вилояти Суғд ва инфрасохтори электроэнергетикии он таҳлили худро ёфта, омилҳои асосии электроэнергетикии ба рушди иқтисодиёт баррасигардида ва инчунин матритсаи самараиинфрасохтори электроэнергетикӣ дар фазои “самараи инфрасохтор – самараи иқтисодиёт” гузаронида шуданд. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки тавозуни нерӯи барқро дар вилояти Суғд таҳлил кунад.

**Дар боби сеюм «Такмили механизми ташкилию иқтисодии инфрасохтори барқи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон»** тадбирҳои асосии беҳтар намудани инфрасохтори электроэнергетикӣ вилояти Суғд пешниҳод шудаанд. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки ба сохтори ташкилӣи мақомоти идоракунии инфрасохтори электроэнергетикӣ шӯъбаҳои банақшагирии стратегӣ ва рушди инноватсионӣ ворид карда, инчунин тадбирҳо оид ба рушди шабакаҳои магистралӣ ва тақсимот пешбинӣ карда шаванд.

Дар **хулосаи** диссертатсия натиҷаи таҳқиқот ва тавсияву пешниҳодҳои хусусияти назариявӣ ва амалӣ дошта пешниҳод гардидаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Диссертатсия ба бандҳои 2. Масъалаҳои назариявӣ ва методологии арзёбӣ ва баландбардории самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика. 5. Равишҳои методологӣ ва методӣ нисбат ба масоили иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии соҳаи саноат ва энергетика. Қонуниятҳо ва тамоюли амалкард ва рушди соҳаи саноат ва энергетика. 30. Мушкилоти ташаккулёбӣ ва рушди инфрасохтори соҳаҳои саноат ва энергетика. Таъминоти инфрасохтории рушди инноватсионии саноат ва энергетика шиносномаи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика), ки бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиќ аст.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мутобиқи мазмуни диссертатсия муқаррароти илмие, ки унсурҳои нави илмиро дар бар мегиранд, инҳоянд:

- фаъолияти пурсамари инфрасохтори электроэнергетикӣ омили муҳими

рушди устувори иқтисодиёт буда, дар ташаккул ва татбиқи нақшаҳои стратегӣ он бояд дар қатори омилҳои асосӣ ба назар гирифта шавад. Дар ин ҳолат таърифи мафҳуми “инфрасохтори электроэнергетикӣ” ҳамчун маҷмӯи сохторҳои хидматрасонии ба ҳам алоқаманд ё иншооти электроэнергетикӣ, ки эҳтиёҷоти истеъмолкунандагонро ба нерӯи барқ бетаваққуф ва эътимоднок қонеъ менамояд ва фаъолияти системаи иқтисодиётро муайян мекунад, дода шудааст. Он дар фарқият аз тавсифоти мавҷуда, диққати аввалиндараҷаро на ба хусусияти истеҳсол ва истеъмоли нерӯи барқ, балки ба самараи фаъолияти иқтисодиёт бо роҳи таъмини он бо ҳаҷми зарурии захираҳои электроэнергетикӣ медиҳад;

- механизми ташкилӣ–иқтисодии фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ ва таъсири онро ба рушди устувори иқтисодӣ ҳамчун ду гурӯҳи омилҳои ба ҳам вобаста – омилҳои дохилӣ, ки самараи иқтисодии фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикиро муайян мекунанд ва омилҳои берунӣ, ки таъсири инфрасохтори электроэнергетикиро ба рушди устувори иқтисодиёт муайян мекунанд, баррасӣ намудан мумкин аст;
- ба сифати меъёри арзёбии самараи нисбии иқтисодии фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ усули бенчмаркинги дохилӣ пешниҳод карда шуд ва он нишон дод, ки ФҶСК “ШТБ” дар шаҳри Хуҷанд, ФҶСК “ШТБ” дар шаҳри Гулистон ва ШБ Бӯстон, ШБ Исфара зерсохторҳои бо самараи баландтарин фаъолиятбаранда мебошанд;
- дар асоси ба низом даровардани усулҳои мавҷудаи арзёбии самаранокии инфрасохтори электроэнергетикӣ методика пешниҳод шудааст, ки ҳисобкунии таъсири дохилию беруниро пешбинӣ менамояд;
- электроғунҷоиши иқтисодиёти вилояти Суғд ва саноати он арзёбӣ гардид ва маҷмӯи маҳсулоти минтақавии аз сабаби маҳдуд будани дастрасӣ ба нерӯи барқ ва ҳаҷми зиёди талафоти он истеҳсолнагардида ҳисоб карда шуд;
- маҷмӯи тадбирҳоро оид ба баланд бардоштани самаранокии инфрасохтори электроэнергетикии вилояти Суғд асоснок намуд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки 170 ададро дарбар мегирад, иборат аст. Матни кори илмӣ дар 183 саҳифаи компютерӣ чоп карда шуда, дорои 13 ҷадвал, 18 расм ва 5 замима мебошад.

**Дар хулосаи** диссертатсия таклифҳои унвонҷӯ оид ба баланд бардоштани самаранокии инфрасохтори электроэнергетикӣ пешниҳод гардидаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Асоснокии нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда бо омӯзиш ва таҳлили асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаҳои ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ, бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқоту интишорот, инчунин истифода-барии усулҳои таҳқиқоти умумиилмӣ тасдиқ мегардад.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Аҳамияти илмии натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсия дар он аст, ки онҳо ба таҳияи равишҳои методологии омӯзиши инфрасохтори барқ ва баҳодиҳии нақши он дар рушди устувор нигаронида шудаанд. Аҳамияти амалии рисола дар он аст, ки дар асоси равиши методологии пешниҳодшуда ва истифодаи маҷмӯи мушаххаси иттилоот маҷмӯи тадбирҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии инфрасохтори электроэнергетикӣ вилояти Суғд асоснок карда шудаанд.

**Нашри натичаҷои диссертатсия дар маҷаллаҳои таќризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар 21 мақолаи илмии муаллиф, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷалла ва нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд.

Мақолаҳои илмии чопшудаи муаллиф мазмуни мухтасари кори диссертатсиониро инъикос менамоянд.

**Мутобиќати барасмиятдарории диссертатсия ба талабот.** Барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад.

Новобаста ба ҳамаи ин дастовардҳо, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе камбудиву норасоиҳо низ вомехӯранд, ки миёни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Нисбат ба мавзӯи диссертатсия: «Механизми ташкилӣ-иқтисодии ташаккули ИЭ дар ҳошияи рушди устувор». Чаро "ташаккули"? Оё дар вилояти Суғд инфрасохтори электроэнергетикӣ вуҷуд надорад? Чунки муаллиф дар муқаддима оид ба «... *самараи нисбии иқтисодии фаъолияти унсурҳои инфрасохтори электроэнергетикӣ дар вилояти Суғд хеле назаррас аст*» қайд месозад. Агар ин тавр бошад, пас чаро дар мавзӯи рисола калимаи «ташаккул» иистифода шудааст? Шояд ба ҷои калимаи «ташаккул» ибораи

«идоракунии инфрасохтори электроэнергетики” -ро истифода бурдан лозим буд.

2. *Оид ба вазифаҳои тадқиқот*: такрори вазифаҳои 4 ва 6-уми тадқиқот вуҷуд дорад. Илова бар ин, мувофиқати тарҷумаи вазифаҳои таҳияшуда дар варианти русии автореферат, ки дар он ҳамагӣ 5 вазифаи тадқиқотӣ мавҷуд аст, шубҳаовар аст.

3. Мавқеи дуюми “дар механизми ташкилию иқтисодӣ индикаторҳои фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ арзиши тавозун, даромад аз фурӯш, миқдори объектҳои таҷдид ва навсохташуда, шумораи кормандони муҳандис-техникӣ, талафи рӯи барқ ва ӯҳдадории мӯҳлаташ гузашта баромад менамоянд. Индикаторҳои таъсири инфрасохтори электроэнергетикӣ ба рушди устувори иқтисодӣ инҳо мебошанд: фонди музди меҳнат, шумораи истеъмолкунандагони нерӯи барқ, истеъмоли нерӯи барқ ба ҳар сари аҳолӣ, маблағи андоз ва шумораи корхонаҳои саноатӣ” барои дифоъ пешниҳодшуда шубҳанок аст, ки нав нест. Дар бораи мавкеи чорум, ки ба мудофиэат пешнидод карда шудааст, даминро гуфтан мумкин аст, ки ифодаи аниктарро талаб мекунад.

4. Формулаҳои математикие, ки дар рисола (формулаҳои 4 ва 5 дар саҳ. 59-60) барои ҳисоб кардани таъсири самараи дохилӣ ва берунии инфрасохтори электроэнергетикӣ дода шудаанд, саҳеҳ набуда, дар таҷриба мавриди истифода қарор гирифта наметавонанд. Муаллиф ҷузъҳоеро, ки табиатан гуногун мебошанд (масалан, воҳидҳои нисбӣ, фоизҳо, сомонӣ, кВт.соат, шумораи кормандон) ҷамъбаст мекунад, ки ин дуруст нест.

5. Нақшаи сохторӣ  пешниҳодкардаи муаллиф дар саҳифаи 40 (расми 1.2.2) механизми иќтисодии фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ баҳсбарангез (дискуссионный) аст. Аз ҷумла, чунин унсури муҳим, ба монанди сиёсати тарифӣ дар соҳаи электроэнергетика ва мутаносибан, талаботи пардохтпазир ба эътибор гирифта нашудааст. Инчунин, ҷиҳатҳои ташкилии инфрасохтори электроэнергетикӣ низ ба қадри кифоя коркард нагардидаанд (саҳ. 69). Масалан, таъсири навсозии низоми баҳисобгирии истеъмоли нерӯи барқ ва ҳисоббаробаркуниҳои мутақобила бо таъминкунандагони он ба самаранокии инфрасохтори электроэнергетикӣ арзёбӣ нашудааст.

6. Мутаассифона, нишондиҳандаҳои техникии инфрасохтори электроэнергетикӣ вилояти Суғд, ки дар боби дуюми рисола оварда шудаанд, шарҳи иќтисодӣ ва таҳлили дахлдорро соҳиб нагардидаанд (ҷадвалҳои 2.1.1, 2.1.3 ва ғ.).

7. Мутаассифона, дар рисола арзёбии таъсири натиҷаҳои таҷдиди соҳаи электроэнергетика ба самаранокии инфрасохтори электроэнергетикӣ вилояти

Суғд ва мутаносибан ба рушди устувори иқтисодии вилоят ва воҳидҳои ҳудудии он дода нашудааст.

8. Дар диссертатсия ва автореферат хатоҳои зиёди грамматикӣ ва услубӣ, баёни ғалати пешниҳодҳо ва нодуруст овардани иқтибосҳо мавҷуданд.

Эродҳои дар боло зикршуда баҳои умумии мусбати тадкиқоти анҷомшударо коҳиш намедиҳанд.

**Нашрияҳо ва автореферат мазмуни асосии рисоларо инъикос мекунанд.**

**Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмии дахлдор.**

Диссертацияи тахлилшаванда кори тахассусии илмии хатмшуда буда, натичахои дар он гирифташуда хам ахамияти илми ва хам амали доранд.

Диссертатсия дар мавзӯи: «Механизми ташкилӣ-иқтисодии ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертатсия Ҳомидова Машҳура Исматҷоновна сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Аҳророва А.Д.**

*734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,*
*хиёбони академик Раҷабовхо, 10,*
*Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик*
*М.С. Осимӣ, кафедраи «Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот»*
*Tel./Fax.: (+992-399) 21 35 11, E-mail.: aalphia@gmail.com*
*Имзои д.и.и., профессор Аҳророва А.Д. - ро тасдиқ менамоям:*

**Сардори шуъбаи кадрхо ва корхои махсус**
**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон**
**ба номи академик М.С. Осимӣ** **Шарипова Д.А.**

Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ (734042, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10а, www.ttu.tj)

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ Хоҷаев Диловар Хайриддинович ба диссертатсияи Ҳомидова Машҳура Исматҷоновна дар мавзуи «Механизми ташкилӣ–иқтисодии ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04-Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01-Иқтисодиёти саноат ва энергетика).**

1. **Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.** Ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ яке аз масъалаҳои мубрам барои тамоми давлатҳо ба ҳисоб меравад, зеро саноатикунонии босуръати кишвар аз фаъолияти босамари инфрасохтори электроэнергетикӣ вобастагии мустақим дорад. Гузашта аз ин, дар минтақаи мазкур бахши истифодаи захираҳои энергетикӣ бояд ба таври пурра ҳалли худро ёбад. Истифодаи самараноки захираҳои мавҷудаи электроэнергетикӣ метавонанд яке аз самтҳои афзалиятнок ва рақобатпазир дар микёси ҷаҳон бошад. Зеро ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ миёни вилоятҳо метавонад ба рушди иқтисодиёт заминаи мусоид фароҳам орад. Лекин ҳарчанд захираҳои энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд бошад ҳам, вале ҷойгиршавии онҳо гуногун аст. Хусусан дар вилояти Суғд, нисбат ба дигар вилоятҳои захираи ками электроэнернергетикӣ ҷойгир шудааст.

Муаллиф дуруст зикр кардааст, ки омузиши адабиёти илмӣ оид ба муаммоҳои таҳқиқшаванда диққати асосӣ ба имкониятҳо, хусусиятҳо ва самаранокии истеҳсоли нерӯи барқ нигаронида шудааст. Лекин масълаҳои

таъминоти бетаваққуф ва эътимодноки корхонаҳои саноатӣ, кишоварзӣ ва аҳолӣ бо қувваи барқ ба таври зарури баррасӣ карда нашудааст. Инчунин механизми ташкилию иқтисодии фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ ва таъсири он ба рушди устувори иқтисодӣ равшани дар корҳои олимони ватанӣ пурра инъикос нагардидааст.

Аз ин лиҳоз, мубрамияти мавзӯи мазкурро метавонем баланд арзёбӣ намоем ва метавонем қайд намоем, ки рисолаи мазкур дар ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ нақши созгор хоҳад дошт.

**2. Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**

Мавзӯи кори диссертатсионии ба ҳимоя пешниҳодшудаи Ҳомидова М.И. ба Шиносномаи номгӯи ихисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.04-Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01-Иқтисодиёти саноат ва энергетика) мутобиқат мекунад.

Ба сифати объекти таҳқиқот фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад намуда, предмети таҳқиқот муносибатҳои иқтисодӣ, ташкилӣ ва институтсионалӣ, ки дар раванди такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии инфрасохтори электроэнергетикии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ ба вуҷуд меоянд.

Асосҳои назариявии диссертатсияро асарҳои олимону ватаниву хориҷӣ, ҳамчунин консепсияҳои илмию амалии соҳавӣ доир ба иқтисодиёти минтақавӣ ва иқтисодиёти электроэнергетикӣ ташкил менамоянд.

Мавзуъ тибқи нақшаи дурнамои илмии кафедраи таъминоти барқ ва кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Шиносоӣ бо диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф моҳирона бо адабиёти илмӣ доир ба мавзӯи тадқиқот кор кардааст, мустақилона далелҳои омориро вобаста бо мақсади тадқиқот ҷамъ оварда онҳоро таҳлил намудааст.

**3. Дарачаи навгонии натиҷаҳои илмии дар диссертатсия ба дастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

**Ба навовариҳои назарраси илмии диссертатсия нуктаҳои зерин тааллуқ доранд:**

- барои арзёбии самараи фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ онро аз нуқтаи назари самараи иқтисодиёт бо роҳи таъмини ҳаҷми зарурии захираҳои электроэнергетикӣ баррасӣ намудан зарур аст. Дар ин ҳолат мафҳуми "инфрасохтори электроэнергетикӣ" ҳамчун маҷмӯи сохторҳои хидматрасонии бо ҳам алоқаманд ё иншооти электроэнергетикӣ асоснок карда мешавад, ки эҳтиёҷоти иқтисодиётро ба нерӯи барқ бетаваққуф ва эътимоднок таъмин менамояд ва асоси фаъолияти системаи иқтисодиётро ташкил мекунад.

- дар механизми ташкилию иқтисодӣ индикаторҳои фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ арзиши тавозун, даромад аз фурӯш, миқдори объектҳои таҷдид ва навсохташуда, шумораи кормандони муҳандис-техникӣ (соҳаи энергетика), талафи рӯи барқ ва ӯҳдадории мӯҳлаташ гузашта баромад менамоянд. Индикаторҳои таъсири ЭЭИ ба рушди устувори иқтисодӣ инҳо мебошанд: фонди музди меҳнат, шумораи истеъмолкунандагони нерӯи барқ, истеъмоли нерӯи барқ ба ҳар сари аҳолӣ, маблағи андоз ва шумораи корхонаҳои саноатӣ.

- таҳлили муқоисавии фаъолияти зерсохторҳои инфрасохтори электроэнергетикӣ тариқи усули бенчмаркинги дохилӣ дар асоси таҳияи матритсаи «самараи инфрасохтор – самараи иқтисодиёт» нишон дод, ки самараи фаъолияти ФҶСК "ШТБ" дар ш. Хуҷанд, ФҶСК "ШТБ" дар ш. Гулистон ва ШБ Бӯстон ва Исфара баланд буда, ба рушди устувори иқтисодии вилояти Суғд таъсири мусбат мерасонад.

- таъсири нисбии иқтисодии самараи таъсири ИЭЭ ба рушди устувори вилояти Суғд аз таъсири фаъолияти инфрасохтори барқ баландтар аст. Дар умум инфрасохтори электроэнергетикии вилояти Суғд дорои захираҳои

калони баланд бардоштани самараи фаъолият буда, танҳо аз нисф каме зиёди иқтидори иқтисодии худро истифода мебарад.

- маҳдудият ба дастрасии нерӯи барқ, талафоти зиёди он ва электроғунҷоиши нисбатан баланди иқтисодиёти вилоят сабабҳои асосии маҷмӯи маҳсулоти минтақавии нагирифташудаи Суғд мебошанд.

Ҳамин тариқ, дар маҷмӯъ аҳамияти илмӣ-амалии масъалаҳои дар кори диссертатсионӣ зикршуда ба қадри кофӣ таҳқиқ шудаанд.

## 4. Тавсифи умумии кори диссератсионӣ

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 8 фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодагардида, ки 170 ададро дарбар мегирад, 13 ҷадвал, 18 расм, 5 замима, фарориги 183 саҳифа иборат мебошад.

Дар боби якуми диссертатсия "**Асосҳои назариявии ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии инфрасохтори электроэнергетикӣ дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ**" мебошад, ҷанбаҳои назариявии фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ, ташаккули механизми ташкилӣ–иқтисодии фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ ва инчунин муқаррароти методӣ оид ба арзёбии самараи фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст (саҳ. 16-63).

Чунон чӣ муаллиф қайд менамояд, ки масъалаи таъмини бомароми фаъолияти иқтисодиёти саноат ва давлат яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Маълум аст, ки вазъи иқтисодию иҷтимоии кишвар маҳз аз вазъи инфрасохтор вобастагии хос дорад. Рушди ҳама намуди инфрасохтор яке аз омилҳои асосии ташаккулёбии иқтисодиёт мебошад (саҳ.16).

Ҳомидова М.И. тавсифи муносибатҳои методӣ ба арзёбии таъсири инфрасохтори электроэнергетикӣ ба рушди иқтисодӣ - моҳияти арзёбӣ, афзалият ва таҳлили интиқодӣ гузаронидааст. Таҳқиқи интиқодии муносибатҳои ба муайян намудани самараи фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ имконияти истифодаи онҳо дар ҳудуди муайян, аз ҷумла

барои шароити фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шуд (саҳ. 51-59).

Дар боби дуюми диссертатсия - “**Таҳлили механизми ташкилӣ-иқтисодии инфрасохтори электроэнергетикии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон”**- вазъи муосири механизми ташкилӣ–иқтисодии инфрасохтори электроэнергетикии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон өмилҳои ба фаъолияти босамари инфрасохтори электроэнергетикӣ таъсиррасонанда ва арзёбии самараи иқтисодии фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ дида баромада шудааст (саҳ.64 - 111).

Дар асоси таҳлили диссертант нишондиҳандаҳои ММД - и вилояти Суғд тамоюли болоравӣ дорад. Ба ҳисоби миёна, суръати афзоиши ММД аз соли 2016 то 2021 тахминан 40 фисадро ташкил кардааст. Агар дар соли 2016 ММД 13708,8 милл. сомониро ташкил дода бошад, пас дар соли 2021 то ба 19200,4 миллион сомонӣ афзоиш ёфтааст (саҳ. 71).

Барои арзёбии самараи фаъолияти ИЭЭ вилояти Суғд ва таъсири он ба рушди устувори иқтисодӣ, Ҳомидова М.И. формулаҳои 4,5,6 (саҳ.103) истифода бурда, индекси нишондиҳандаҳои дохила яъне индикаторҳо ва беруна ва самараи дохилӣ Эдохила ва дараҷаи таъсири ИЭЭ ба рушди устувори иқтисодӣ Э-берунаро ҳисоб намудааст (саҳ.103-107).

Ҳомидова М.И. хулоса менамояд, ки ҳангоми таҳлили самараи нисбии фаъолияти элементҳои инфрасохтори электроэнергетикӣ нишон дод, ки мавқеи пешсафро ФҶСК “ШТБ” дар шаҳри Хуҷанд дарбар мегирад, мавқеи дуввумро ФҶСК “ШТБ” дар шаҳри Гулистон ишғол мекунад. Шабакаҳои барқии Бӯстон ва шабакаҳои барқии Исфара тақрибан рейтинги баробар доранд. Мавқеи пастаринро ФҶСК “ШТБ” дар шаҳри Истаравшан ишғол мекунад (саҳ. 106-108).

Дар боби сеюм - “**Консепсияи такмили механизми ташкилӣ–иқтисодии инфрасохтори электроэнергетикии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон**”, коркарди самтҳои истеҳсолии такмили механизми ташкилӣ–иқтисодии инфрасохтори электроэнергетикаи вилояти Суғди Ҷумҳурии

Тоҷикистон, такмили самтҳои интиқолӣ ва тақсимотии механизми ташкилӣ-иктисодии инфрасохтори электроэнергетикӣ таҳлили худро ёфтааст (саҳ.111 - ).

Ҳомидова М.И. хулоса менамоям, ки дар вазъияти кунунӣ чорабиниҳо оид ба ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ, ки дар вилоят амалӣ шуда истодааст, имконияти дарояндаи миёнамуддат ва дарозмуддат пурра бартараф намудани номутаносибии мавҷуда ва қонеъ гардонидани талаботи афзоишёбандаро бо нерӯи барқ фароҳам оварда наметавонанд, зеро самтҳои интихобшуда ба талаботи оптималигардонии мувозинати энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба талаботҳои афзоиши самараи истеъмоли энергия аз ҳисоби ҷорӣ намудани технологияҳои каммасраф, коҳиш додани талаф дар шабакаҳои истифодаи умум ҷавобгӯ намебошанд.

Нишондиҳандаи асосии инфрасохтори электроэнергетикӣ электроғунҷоиш буда, дараҷаи рушди инфрасохторро нишон медиҳад.

Электроғунҷоиши МММ-и вилояти Суғд ҳамагӣ дар рафти солҳои 2011 то 2016 ҳисоб карда шудааст (саҳ.114).

Дар қисми хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодабарии амалии натиҷаҳо
хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод шудааст (саҳ. 149-153).

**5. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия**

Дар дисссртатсияи тақризшаванда дар баробари мавҷудияти бартариятҳо, баъзе камбудиҳо ва нуктаҳои баҳсталаб ба назар мерасад, ки қайд намудани онҳоро зарур мешуморем:

1. Муаллиф дар зербоби 1.1.-и диссертатсия иқтибосҳои зиёде аз олимони хориҷ овардашудааст. Ҳазамон хуб мебуд, ки иқтибосҳо зиёдтар аз олимони ватани нишон дода мешуд (саҳ.16-28).

2. Дар зербоби 2.1.-и диссертатсия механизми иқтисодии фаъолияти электроэнергетикӣ ва нақши он дар рушди устувори иқтисодиёт ба таври пурра ҳаллу фасл шудаанд вале диссертатсия боз ҳам хуб мегардид, агар ҳамон нишондиҳандаҳои таъсиррасонро аввалиндараҷа ва

дуюминдараҷаро инъикос менамуд (саҳ.40).

3. Дар зербоби 2.2.-диссертатсия, муаллиф “Омилҳои ба фаъолияти босамари инфрасохтори электроэнергетикӣ таъсиррасонанда” дарҷ шудааст (саҳ.78). Дар ин ҷо беҳтар мебуд, ки хатар ва таҳдидҳое, ки ба сатҳи инфрасохтори электроэнергетикӣ дар вилояти Суғд таъсиррасонандаанд дар шакли ҷадвал ва ё расм нишон медод.

4. Муаллиф дар зербоби 2.2. истифодаи манбаъҳои баркароршаванда энергия аз зумраи энергияи бод ва офтоб ҳамчун пешниҳод ба такмили механизми фаъолияти истеҳсолии электроэнергетика асоснок гардиданд. Беҳтар мебуд, ки иктидори истеҳсолии неруи боди ва офтобиро нишон дода ва ин нишондаҳандаро бо ягон мамлакати ҳамсоя дар шакли ҷадвал мукоиса менамуд (сах.83-90).

5. Хуб мебуд барои беҳтар шудани зербоби 3.1. ягон модели консептуалӣ оид ба сатҳи инфрасохтори электроэнергетикӣ дар вилояти Суғд тасвир карда мешуд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикргашта хусусияти ҷузъӣ дошта, ба моҳияти назариявӣ ва амалии дисссртатсия, таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмӯъ, кори диссертатсионии Ҳамидова М.И. таҳкикоти илмии мустакилона анҷомёфта буда, навгониҳои илмӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд. Автореферат ва маколаҳои илмии чопшудаи муаллиф дар худ таркибу мундариҷаи асосии дисссртатсия ва навгонии илмии онро ифода менамояд.

Диссертатсияи такризшаванда дар мавзуи “Механизми ташкилӣ–иктисодии ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ дар заминаи рушди устувори иктисодӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон),” аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботи бандҳои 31 ва 33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдик гардидааст, таҳия

карда шудааст. Бинобар ин, муаллифи он Ҳамидова Машҳура Исматҷоновна сазовори дарёфти дарҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04-Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01-Иқтисодиёти саноат ва энергетика) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
декани факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон — Хоҷаев Д.Х.

Имзои н.и.и., дотсент Хоҷаев Д.Х.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон — Пирзода С.С.

734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Деҳоти 1/2,
Tel.: (+992) 987526060,
E-mail.: khojaev02@mail.ru.